Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-0 14
назди ДДМИТ бо суроғаи ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/4

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.**

Сармоягузорӣ яке аз омилҳои асосии пешбарандаи рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дониста мешавад. Сармоягузор ҳамеша кӯшиш мекунад, ки ба объектҳои судманду даромаднок сармоягузорӣ намояд. Яке аз чунин соҳаҳои муҳими фоидаоваранда барои сармоягузорон соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дониста мешавад, зеро дар пешрафту натиҷаоварии дилхоҳ соҳаи хоҷагидорӣ нақши асосиро мутахассисони баланд ихтисос мебозанд.

Аз моҳияти автореферат чунин бар меояд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси сарчашмаҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаи баланд бардоштани равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудаанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ муҳаққиқ аз усулҳои гуногуни илмӣ, ба монанди, усулҳои логистикӣ, системавӣ, регрессионӣ-коррелатсионӣ, муқоисавӣ ва таҳлилҳои иқтисодӣ-оморӣ истифода кардааст.

Дар автореферати рисолаи диссертатсионӣ пешниҳод шудааст, ки соҳаи хизматрасониҳои маориф, махсусан соҳаи таҳсилоти олии касбӣ нақши беандоза калон дар дастовардҳои илмӣ-инноватсионии кишварҳо дошта муайян намудани самаранокии он бояд дар мадди аввал истад.

Инчунин, хулосаҳои пешниҳодкардаи муҳаққиқ имконият медиҳад, ки соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир муҳимтарин соҳаи сармоягузорӣ дониста шавад.

Муҳаққиқ тавонистааст вобаста ба сарчашмаҳои илмии омӯхташудаи олимони ватаниву хориҷӣ самаранокии сармоягузориҳоро дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намояд.

Дар баробари натиҷаҳо ва дастовардҳои дар дар автореферат нишон дода шуда, инчунин баъзе камбудиҳо дар автореферат мавҷуд аст:

1. Муҳаққиқ сарикасии маблағгузориҳои соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбиро дар Тоҷикистон баҳогузорӣ намудааст (ҷадвали 7), аммо ин соҳа дар малакат ба сарикасӣ нагузаштааст.
2. Баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ дида мешаванд.

Дар маҷмуъ мазмун ва мухтавои автореферат нишон медиҳад, ки рисолаи таҳқиқотии муҳаққиқ дар асоси ҳама талаботҳое, ки нисбат ба корҳои диссертатсионӣ пешниҳодшаванда баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ҷавобгӯ буда, диссертант Султонов Абдураҳмон Неъмонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисоди дотсент,**
**декани факултети иқтисодиёти соҳаҳо ва идораи**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Ашурзода А.Н.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш. Душанбе,**
**хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10,** тел: (+992 37) 221-35-11.
Тел./**Факс: (+992 37) 223-02-46.**
Почтаи электрронӣ: aashurzoda1968@gmail.com

Имзои Ашурзода А.Н – ро тасдиқ мекунам:
Сардори **ШК ва КМ-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Қодирзода Н.Ҳ.**